ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи "Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ)

Мутобикати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи илмӣ. Диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи "Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" аз лиҳози муҳтаво ва самти таҳқиқот ба доираи масъалаҳои марбут ба ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ), ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мувофиқат намуда, ба шиносномаи ихтисоси мазкур мутобиқати комил дорад. Зеро дар доираи ихтисоси номбурда омузиши вижагиҳои типологӣ ва муқобилавии сохтору низоми дастурии забонҳо, роҳу воситаҳои ифодаи категорияҳои дастурӣ, хусусиятҳои амалкарди шаклҳои феълӣ ва таносуби онҳо дар забонҳои гуногун мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи категорияи тарз дар қолаби шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба доираи масъалаҳои илмии пешбининамудаи шиносномаи ихтисоси мазкур ворид шуда, аз ҷиҳати самт, мазмун ва масъалагузории илмӣ ба талаботи он ҷавобгӯ мебошад.

Мубрамии мавзуи диссертатсия. Мубрамии таҳқиқоти анҷомдодаи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр, пеш аз ҳама, бо зарурати баррасии амиқи масъалаҳои дастурии феъл дар заминаи муқоисаи забонҳои гуногун муайян мегардад. Категорияи тарз ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳимми низоми дастурии феъл дар ташаккули маънои ҷумла ва муайян намудани муносибати байни амал, иҷрокунандаи он ва объекти амал нақши муассир дорад. Бо вуҷуди ин, хусусиятҳои ифода ва корбурди ин категория дар забонҳои сохтору низоми дастуриашон гуногун на ҳамеша яксон буда, таҳқиқи онҳо аз нигоҳи муқоисавӣ ва типологӣ аҳаммияти хосса касб менамояд.

Зарурати чунин таҳқиқот, махсусан, дар заминаи омузиши забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бештар эҳсос мешавад, зеро фарқияти сохторӣ ва воситаҳои дастурии ифодаи категорияи тарз дар ин забонҳо масъалаҳои зиёди назариявӣ ва амалиро ба миён меорад. Аз ҷумла, муайян намудани хусусиятҳои шаклсозӣ, вазифаҳои дастурӣ ва имконоти маъноии шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъл барои ошкор сохтани умумият ва вижагиҳои низоми феълии ин ду забон заминаи мусоиди илмӣ фароҳам меорад.

Ҷанбаи дигари мубрамии мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи категорияи тарз дар забоншиносии тоҷик ҳанӯз ба таҳқиқоти фарогири муқоисавию типологӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ, омузиши ҳамаҷонибаи ин категория дар иртибот бо низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъл имкон медиҳад, ки баъзе масъалаҳои баҳсталаби назарияи грамматика равшан

гардида, доираи тасаввуроти илмӣ оид ба сохтор ва хусусиятҳои амалкарди феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ васеъ карда шавад.

Бо назардошти ин нуктаҳо метавон таъкид намуд, ки интихоби мавзуи мазкур аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ асоснок буда, таҳқиқи он ба ҳалли масъалаҳои муҳими забоншиносии муқоисавӣ ва типологӣ равона гардидааст.

Дараҷаи навгонии илмии натиҷаҳои диссертатсия ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф масъалаи категорияи тарзи феълро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо назардошти робитаи он бо дигар падидаҳои дастурӣ мавриди баррасӣ ва муқоиса қарор додааст. Дар ин замина, доираи тасаввуроти илмӣ оид ба хусусиятҳои ифодаи тарзи фоил ва мафъул, муносибати онҳо бо диатеза ва самти амал, инчунин, имконоти зуҳури ин категория дар шаклҳои гуногуни феълӣ васеъ гардонида шудааст.

Ҷанбаи муҳимми навгонии таҳқиқотро баррасии категорияи тарз дар иртибот бо назарияи валентнокии феъл ва таҷзияи актуалии ҷумла ташкил медиҳад. Муаллиф тавонистааст, ки зимни таҳлили маводди забонҳои муқоисашаванда нақши сохтории феълро дар ташаккули таркиби ҷумла ва таъсири онро ба муносибатҳои дастурӣ муайян намояд.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар диссертатсия ба масъалаи ифодаи категорияи тарз тавассути шаклҳои ғайритасрифии феъл низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Ин ҷанбаи таҳқиқот дорои аҳаммияти хос буда, барои густариши омузиши муқоисавии низоми феълии забони тоҷикӣ ва муайян намудани имконоти грамматикии шаклҳои ғайритасрифӣ заминаи илмӣ фароҳам меорад.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда аз ҷиҳати мазмун ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат дошта, масъалаҳои меҳварии мавзуъро фаро мегиранд. Аз ҷумла, муаллиф мавқеи диатеза ва самти амалро дар муайян намудани хусусиятҳои категорияи тарз асоснок намуда, низоми ду тарзи асосии феъл – фоил ва мафъулро дар забонҳои мавриди муқоиса таҳлил кардааст. Ҳамчунин, робитаи категорияи тарз бо валентнокии феъл, хусусиятҳои сохтории таркибҳои мафъулӣ ва тафовути шаклҳои замонию намудии онҳо дар ду забон ҳамчун масъалаҳои дорои аҳаммияти назариявӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидаанд.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷиҳати фарогирии маводди назариявию амалӣ, хусусияти муқоисавии таҳлил ва тавсеаи доираи омузиши категорияи тарзи феъл дорои навгонии муайяни илмӣ буда, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамоянд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии диссертатсияи мазкур дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада барои амиқтар дарк намудани хусусиятҳои дастурии категорияи тарз ва муайян сохтани ҷойгоҳи он дар низоми феълии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ заминаи муайяни илмӣ фароҳам меоранд. Муқоисаи воситаҳои ифодаи тарзи фоил ва мафъул, баррасии муносибати онҳо бо диатеза, валентнокии феъл ва сохтори ҷумла барои такмили тасаввуроти назариявӣ оид ба масъалаҳои грамматикаи

муқоисавӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи корҳои илмӣ, такмили дастурҳои назариявӣ ва бознигарии баъзе масъалаҳои грамматикаи забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Илова бар ин, муайян намудани умумият ва фарқиятҳои сохторию маъноии шаклҳои феълӣ дар забонҳои мавриди таҳқиқ метавонад дар раванди омузиши забонҳои хориҷӣ ва бартараф намудани мушкилоти марбут ба интиқоли маънои грамматикӣ аз як забон ба забони дигар мусоидат намояд. Маводи диссертатсия инчунин барои таҳияи корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, корҳои магистрӣ ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар самти забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ қобили истифода мебошад.

Саҳми шахсии довталаб ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Саҳми шахсии Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар анҷом додани таҳқиқоти мустақилонаи масъалаҳои марбут ба категорияи тарзи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, муайян намудани хусусиятҳои сохторию маъноии он ва таҳлили муқоисавии шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъл ифода меёбад. Довталаб дар асоси омузиши сарчашмаҳои назариявӣ ва маводи забонии ду забон масъалаҳои асосии мавзуъро мавриди таҳлил қарор дода, умумият ва тафовутҳои зуҳури категорияи тарзро дар низоми дастурии забонҳои муқоисашаванда муайян намудааст. Ҳамчунин, коркарди маводди таҳқиқотӣ, таҳлили мисолҳои забонӣ, ба низом даровардани натиҷаҳо ва таҳияи хулосаву тавсияҳои илмӣ аз ҷумлаи ҷанбаҳои саҳми мустақими ӯ ба ҳисоб мераванд.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо истифодаи сарчашмаҳои муътамади илмӣ, такя ба дастовардҳои забоншиносии муосир, интихоби усулҳои мувофиқи таҳқиқ ва таҳлили муқоисавии маводи воқеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таъмин гардидааст. Мутобиқати натиҷаҳои таҳлил бо ҳадафу вазифаҳои дар таҳқиқот пешбинишуда низ барои асоснокии хулосаҳои пешниҳодгардида замина фароҳам овардааст.

Қисмати асосии таҳқиқ. Диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи “Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия таркиб ёфтааст. Ҳамчунин, дар сохтори кор зерфаслҳо ва хулосаҳои алоҳидаи бобҳо пешбинӣ гардидаанд, ки пайдарпайии мантиқии таҳқиқ ва робитаи байни масъалаҳои баррасишавандаро таъмин менамоянд.

Дар **муқаддимаи** таҳқиқоти диссертатсионӣ дастгоҳи илмии таҳқиқот фарогирона инъикос ёфта, мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омузиши масъала, мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **“Ҷанбаҳои назариявии категорияи тарзи феълӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад.

Фасли якуми боби мазкур **“Роҷеъ ба моҳияти категорияи тарзи феълӣ ва намудҳои он дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** номгузорӣ шудааст. Дар он моҳияти категорияи тарз, хусусиятҳои маъноию дастурии он ва намудҳои асосии тарзи феълӣ дар забонҳои мавриди муқоиса мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф бо такя ба андешаҳои забоншиносони ватаниву хориҷӣ кӯшиш намудааст, ки хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи ифодаи категорияи тарзро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян намояд.

Фасли дуюми боби якум **“Алоқаи категорияи тарз бо хусусиятҳои луғавӣ-наҳвии феълҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** ном дошта, ба таҳқиқи робитаи категорияи тарз бо хусусиятҳои луғавию наҳвии феълҳо бахшида шудааст. Дар ин қисмат масъалаи таъсири хусусиятҳои маъноии феъл ба имкониятҳои ташаккул ва истифодаи шаклҳои фоилу мафъул баррасӣ гардида, нақши хусусиятҳои гузарандагию мондагии феъл дар ифодаи муносибатҳои тарзӣ муайян карда мешавад. Муҳаққиқ бо муқоисаи маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷанбаҳои умумӣ ва тафовутҳои сохторию маъноии ин падидаро нишон медиҳад.

Фасли сеюми боби якум **“Алоқаи категорияи тарз бо валентнокии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** номгузорӣ шудааст. Дар он масъалаи валентнокии феъл ва таъсири он ба ташаккули сохторҳои фоилӣ ва мафъулӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки нақши муносибатҳои байни феъл, субъект ва объектро дар муайян намудани хусусиятҳои тарзии ҷумлаҳо дар ду забони муқоисашаванда муайян созад.

Боби дуюми диссертатсия **“Баррасии категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад.

Фасли якуми боби дуюм **“Маъно ва вазифаи шаклҳои тарзи феълӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** ном дорад. Дар ин фасл масъалаҳои назариявию амалии категорияи тарз, хусусиятҳои маъноӣ ва вазифавии шаклҳои фоилу мафъул дар забонҳои мавриди муқоиса таҳқиқ шудаанд. Муаллиф шаклҳои гуногуни ифодаи муносибати субъект ва объектро нисбат ба амал баррасӣ намуда, роҳҳои ташаккул ва корбурди шаклҳои тарзии феълро дар ҳар ду забон муайян мекунад.

Фасли дуюми боби дуюм **“Шаклҳои замонию намудии тарзи мафъул дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** унвон гирифтааст. Дар он масъалаи муносибати категорияи тарз бо категорияҳои замон ва намуд мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муҳаққиқ хусусиятҳои сохторию маъноии шаклҳои мафъулро дар замонҳои гуногун муқоиса намуда, воситаҳои грамматикии ифодаи онҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян кардааст. Инчунин, роҳҳои ташаккули шаклҳои мафъул ва хусусиятҳои корбурди онҳо дар сохтори ҷумлаҳои ҳар ду забон таҳлил шудаанд.

Фасли сеюми боби дуюм **“Вазифаи коммуникативии шаклҳои мафъули феъл дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** номгузорӣ гардидааст. Дар ин фасл нақши шаклҳои мафъули феъл дар ташкили сохтори иттилоотии ҷумла, таъкид намудани объект ва тағйир ёфтани мавқеи субъект дар раванди

муошират баррасӣ шудааст. Муаллиф бо таҳлили мисолҳои забонӣ нишон медиҳад, ки истифодаи шаклҳои мафъул на танҳо хусусияти грамматикӣ, балки аҳаммияти коммуникативӣ низ дошта, дар ташкили мазмун ва ҳадафи гуфтор нақши муҳим мебозад.

Боби сеюми диссертатсия **"Тазоди тарз дар системаи шаклҳои ғайритасрифии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** унвон дошта, аз чор фасл иборат мебошад.

Фасли якуми боби сеюм **"Маълумоти умумӣ оид ба вербалияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва масъалаи категорияи тарз дар онҳо"** ном дорад. Дар он шаклҳои ғайритасрифии феъл ва хусусиятҳои грамматикию сохтории онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ гардидаанд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки имкониятҳои ифодаи категорияи тарзро дар шаклҳои гуногуни ғайритасрифии феъл муайян намуда, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳоро дар забонҳои муқоисашаванда ошкор созад.

Фасли дуюми боби сеюм **"Категорияи тарзи масдар дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** унвон гирифтааст. Дар ин фасл хусусиятҳои сохторию маъноии масдар ва роҳҳои ифодаи категорияи тарз дар он мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Муаллиф шаклҳои фоилу мафъули масдарро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлил намуда, мавқеи онҳоро дар сохтори ҷумла ва вазифаҳои гуногуни наҳвӣ муайян кардааст. Ҳамзамон, роҳҳои тарҷума ва мувофиқати шаклҳои масдарӣ дар забонҳои муқоисашаванда бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудаанд.

Фасли сеюми боби сеюм **"Категорияи тарзи герундий ва воситаҳои ифодаи он ба забони тоҷикӣ"** номгузорӣ шудааст. Дар ин қисмат герундий ҳамчун яке аз шаклҳои ғайритасрифии феъли забони англисӣ ва хусусиятҳои дугонаи феълию исмии он баррасӣ гардидааст. Муаллиф роҳҳои ифодаи маъноҳои тарзии герундийро дар забони тоҷикӣ муайян намуда, масъалаҳои мувофиқати сохторию маъноии ин шаклро бо воситаҳои грамматикии забони тоҷикӣ таҳлил кардааст.

Фасли чоруми боби сеюм **"Категорияи тарз дар сифатҳои феълии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** унвон дошта, ба таҳқиқи хусусиятҳои тарзии сифати феълӣ дар забонҳои муқоисашаванда бахшида шудааст. Дар он шаклҳои фоилу мафъули сифати феълӣ, воситаҳои ташаккули онҳо ва муносибати амал бо субъекту объекти амал мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф бо истифода аз маводи назариявӣ ва мисолҳои мушаххаси забонӣ вижагиҳои сохторию маъноии сифати феълиро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муқоиса намуда, умумият ва фарқияти воситаҳои ифодаи категорияи тарзро муайян кардааст.

Хулосаҳои диссертатсия дар асоси натиҷаҳои таҳқиқ таҳия гардида, масъалаҳои асосии мавриди омузиш ҷамъбаст шудаанд. Дар онҳо натиҷаҳои таҳлили муқоисавии категорияи тарз дар шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъл, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи воситаҳои ифодаи он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ инъикос ёфтаанд.

Дар бахши **тавсияҳо** оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот самтҳои истифодаи дастовардҳои илмии диссертатсия дар соҳаҳои забоншиносии муқоисавӣ, грамматикаи назариявӣ ва амалӣ, типологияи забонҳо ва назарияву амалияи тарҷума муайян карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд ҳангоми таҳияи маводи таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва баргузории курсҳои махсус оид ба грамматикаи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Дар **рӯйхати адабиёт** сарчашмаҳои илмии марбут ба мавзуи таҳқиқ ба низоми муайян оварда шудаанд. Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки муаллиф зимни омузиши масъала аз осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ истифода намуда, масъалаҳои назариявии категорияи тарзро бо таҳлили маводи воқеии забонӣ пайвастааст.

Автореферати диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) бо муҳтаво, мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр таҳти унвони “Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” мувофиқат дошта, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Муқаррароти асосии таҳқиқот дар автореферат ба таври мухтасар ва пайдарпай баён гардида, ҳадафу вазифаҳо, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии кор ва натиҷаҳои бадастомада инъикоси худро ёфтаанд.

Мақолаҳои илмии ба нашр расонидаи довталаб низ ба самт ва муҳтавои диссертатсия алоқаманд буда, ҷанбаҳои гуногуни масъалаи таҳқиқшавандаро фаро мегиранд. Маводи интишоршуда барои шиносоии ҷомеаи илмӣ бо натиҷаҳои таҳқиқот ва баррасии масъалаҳои асосии мавзуъ замина фароҳам овардааст. Дар маҷмуъ, мазмуни автореферат ва интишороти илмии довталаб бо муҳтавои диссертатсия мувофиқат дошта, натиҷаҳои асосии таҳқиқотро инъикос менамоянд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас ва бардоштҳои ҷолиби илмии диссертатсия, дар он баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки зикри онҳо ба мақсади ислоҳи минбаъда ва боз ҳам баланд бардоштани сифати таҳқиқоти илмии диссертант бамаврид дониста мешавад:

1. Дар диссертатсия (саҳ. 63) муаллиф чунин андешаро баён менамояд: “Шакли фоил ва мафъул дар забони тоҷикӣ танҳо ба феълҳои гузаранда хосанд. Дар забони англисӣ дар категорияи мазкур на танҳо феълҳои гузаранда, балки ҳамаи феълҳои мондаеро, ки метавонанд пуркунандаи бавосита қабул кунанд, истифода бурдан мумкин аст”. Вобаста ба ин андеша зарурати дақиқ намудани баъзе ҷанбаҳои назариявӣ ва истилоҳоти дастурӣ ба миён меояд. Аз ҷумла, нисбат додани шакли фоилу мафъул танҳо ба феълҳои гузаранда дар забони тоҷикӣ ба таври умумӣ чандон саҳеҳ нест, зеро шакли фоил метавонад ҳам бо феълҳои гузаранда ва ҳам бо феълҳои монда истифода шавад. Аз ҷониби дигар, дар забони англисӣ низ на ҳамаи феълҳои монда, ки метавонанд пуркунандаи бавосита қабул кунанд, имконияти истифода дар

сохтори мафъулро доранд. Чунин имконият танҳо ба гурӯҳи муайяни феълҳо, ки дорои сохтори мувофиқи валентӣ мебошанд, хос аст. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллиф фарқи байни феълҳои гузаранда, монда ва феълҳои дорои пуркунанда, инчунин, хусусиятҳои валентӣ ва имкониятҳои дастурии ташаккули сохтори мафъулро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо овардани мисолҳои мушаххас дақиқтар шарҳ медод;

2. Муаллиф ҳангоми таҳлили ҷумлаи “Tuscany was threatened” (с. 87) феъли “threaten”-ро ба гурӯҳи феълҳои монда мансуб дониста, имконияти истифодаи онро дар сохтори мафъулӣ ба қабули пуркунандаи бавосита вобаста мекунад. Аммо чунин шарҳ аз ҷиҳати хусусиятҳои валентӣ ва сохтори наҳвии феъли мазкур саҳеҳ нест. Зеро феъли “threaten” дар маънои мавриди назар феъли гузаранда буда, объекти бевоситаро талаб мекунад (to threaten somebody/something). Аз ин рӯ, дар ҷумлаи мазкур феъли “threaten” на ҳамчун феъли монда, балки ҳамчун феъли гузаранда дар сохтори мафъулӣ истифода шудааст. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллиф ҳангоми таҳлили ин мисол хусусияти валентӣ, гузарандагӣ ва сохтори наҳвии феъли мазкурро дақиқ муайян намуда, асоси дастурии ташаккули шакли мафъулии онро шарҳ медод;

3. Дар саҳифаҳои 90–95 як қатор мисолҳои тарҷумавӣ истифода шудаанд, аммо дар баъзе мавридҳо муаллиф муодили тоҷикиро бе таҳлили пурраи тағйироти сохторию маъноӣ пешниҳод мекунад. Беҳтар мебуд, ки ҳар як мисол аз рӯйи сохтори наҳвӣ, шакли феълӣ ва муносибати субъекту объект таҳлил карда мешуд;

4. Дар матни диссертатсия як қатор истилоҳоти забоншиносӣ ба таври мувозӣ истифода шудаанд, ки аз нигоҳи ягонагӣ ва ҳамгунсозии истилоҳоти илмӣ ба бозбинӣ ниёз доранд. Аз ҷумла, дар матн истилоҳоти “тарзи фоил” ва “тарзи фаъол”, “тарзи мафъул” ва “тарзи ғайрифаъол”, “масдари мафъул” ва “масдари пассив”, инчунин, “қолаби масдарӣ” ва “сохтори масдарӣ” истифода шудаанд. Гарчанде баъзе аз ин истилоҳот метавонанд аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздик бошанд, истифодаи мувозии онҳо бе муайян кардани фарқиятҳои мафҳумӣ метавонад боиси номуайянӣ ва ноустувории истилоҳотӣ дар матни илмӣ гардад. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои соҳавӣ ва аъанаҳои истилоҳшиносии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ шаклҳои асосии истилоҳотро муайян намуда, дар тамоми матни диссертатсия онҳоро пайгирона ва мутобиқ ба мазмуни мафҳумии мавриди назар истифода кунад;

5. Ҳамчунин, дар диссертатсия як қатор ғалатҳои имлоӣ, дастурӣ ва услубӣ (ниг. с.15, 86, 87, 88, 89, 90, 91, 94, 95, 96, 98, 111, 113, 115, 125, 126, 130, 134, 135 ва ғ.) мушоҳида шудаанд.

Бояд таъкид кард, ки эроду камбудиҳои зикршуда асосан хусусияти ҷузъӣ ва тавсиявӣ дошта, ислоҳпазир мебошанд.

Диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи “Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” бо риояи пайдарпайӣ ва мантиқи илмӣ таҳия гардида, сохтор ва

мазмуни бахшҳои он ба мақсаду вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташуда мувофиқат менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳои илмие, ки диссертант оид ба мавзуи таҳқиқшаванда ба нашр расонидааст, муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Воқеан, мавзуи интихобнамудаи диссертант ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва нашри таълифоти илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи **Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи “Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта, мустақилона ва дорои арзиши баланди илмӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва тарҷумашиносии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич
«8» 10 соли 2026
Суроға: 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кучаи Низомии Ганҷавӣ 464/2,, хонаи 48
Телефон: (+992) 93.577.20.37
E-mail: fayoztursunov@gmail.com

Имзои Ф.М. Турсуновро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Сиҷоатова Мунира Ғайратовна
Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев 17/6
Телефон: (+992)232.50.00
Email: rectorat.dbzkht.tj@mail.ru
«8» 10 соли 2026